ПРОТОКОЛ № 3-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-150 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10-уми ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ,
12 нафар, аз рӯйи ихтисос 3 нафар

10-уми ноябри соли 2026, соати 10:00 дар толори шурои диссертатсионии факултаи биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Душанбе, Буни Ҳисорак, "Шаҳраки донишҷӯён") ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-150 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 12:06.

Раисикунандаи ҷаласа: доктори илмҳои биологӣ, Бобоев М.Т.
Котиби илмӣ: номзади илмҳои биологӣ, дотсент Ҳамидзода Х.Н.

Раисикунандаи шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 15 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро аз 25-уми сентябри соли 2026, №354/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 12 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи такрории ошкорои диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи “Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Эргашев Абдуллоҷон - доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиология растаниҳои факултети биологияи Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- **Мирзораҳимзода Акобир Карим** – доктори илмҳои биологӣ профессор, ноиби президент-раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Давлатбек Суҳайло Худоёрбек** - номзади илмҳои биологӣ, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.

Муассисаи пешбар: кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Бобоҷон Ғафуров,

БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раисикунандаи шуро: д.и.б., Бобоев М.Т.
2. Котиби илмии шуро: н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.
3. Унвончӯ: Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои биологӣ – Сатторов Р.Б., Бобизода Г.М., Раҳимов С. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвончӯ – **Эргашев Абдуллоҷон** шунида шуд.

Баромади муқаризони расмӣ:

1. **Мирзораҳимзода Акобир Карим**
2. **Давлатбек Суҳайло Худоёрбек**

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Бобизода Ғуломқодир Муккамал
2. Алиев Қурбон
3. Раҳимов Сафарбек
4. Бобоҷонова Муҳаббат Абдураҳмонова

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва ҳайати он 3 – нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Бобизода Ғуломқодир Муккамал, Сатторов Раҳматулло Бобоевич ва Давлятназарова Зулфия Буриевна интихоб гардиданд.

Аз 15 - нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 12 - нафар иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12, муқобил - нест, бюллетенҳои тақсимнашуда – 3, беэътибор – нест.

Аъзоёни шуро тариқи овоздиҳии ошкоро интихобшуда протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим додани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо қабул гардид.

ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-150 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 10 ноябри соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи "Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо, тақризи муассисаи пешбар - **Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**, суханронии муқаризони расмӣ, **Мирзораҳимзода Акобир Карим** – доктори илмҳои биологӣ профессор, ноиби президент-раиси Шуъбаи илмҳои биологии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; **Давлатбек Суҳайло Худоёрбек** - номзади илмҳои биологӣ, декани факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва докторони илм Бобизода Ғуломқодир Муккамал, Алиев Қурбон, Раҳимов Сафарбек ва Бобоҷонова Муҳаббат Абдураҳмоноваро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзуи "Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба талаботи бандҳои 31 ва 33–35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои биологӣ ба Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор - 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунандаи шурои
диссертатсионӣ д.и.б. Бобоев М.Т.

Котиби шурои диссертатсионӣ
н.и.б., дотсент Ҳамидзода Х.Н.

10.11.2026 сол